**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативни донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони анғлисӣ)**

Дар ҷаҳони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди шахс ва пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст. Забондонӣ на танҳо воситаи муошират, балки омили муҳимми дастрасӣ ба дониш, илм, технология ва фарҳанги ҷаҳон табдил ёфтааст, ки инсон метавонад ба ин васила ҷаҳонбинӣ ва донишҳои илмии худро такмил диҳад. Дар шароити кунунӣ забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ ва русӣ забони техника ва технологияҳои нав ва забонҳои муошрати байни миллатҳо ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, донистани забони англисӣ ба инсон имкон медиҳад, ки бевосита аз пешрафтҳои ҷаҳонӣ огоҳ шаванд ва донишҳои муосирро аз худ намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққат дода, хотирнишон намуданд, ки ҳар як ҷавони тоҷик бояд ҳади ақал ду забон (англисӣ ва русӣ)-ро аз худ намоянд: “Зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияи иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад”.

Дар соҳаи илм, таҳсилот ва педагогика омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳаммияти махсус дошта, ба донишҷӯёну муҳаққиқон имкон медиҳад, ки мустақиман аз манбаъҳои аслӣ истифода намуда, аз навгониҳои илмӣ бо хабар шаванд.

Мубрамияти тадқиқи илмии мавзуи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар замони муосир донистани забонҳои хориҷӣ ба шахс имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои гуногунро дар шароити бисёрфарҳангӣ иҷро намояд, тавонад дар пешбурди тиҷорат ва муносибат бо шарикони

хориҷӣ, инчунин малакаи гуфтушунид дар фазои бисёрзабонӣ, муаррифии лоиҳаҳои гуногун ва ё дар дилхоҳ намоишгоҳ ё конфронсҳои сатҳи гуногуни хориҷӣ ширкат намояд.

Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна рисолаи илмии худро ба тарзи низомнок ва таҳлили муқоисавӣ-педагогӣ анҷом дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва меъёрии ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабониро дар омӯзиши забони англисӣ дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.

Зимни омода намудани рисола унвонҷӯ аз усулҳо, методҳо ва воситаҳои мухталифи таҳқиқотӣ-педагогӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Дуруст аст, ки ҳар як таҳқиқоти илмӣ аз назари методҳои назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мешаванд. Дар рисолаи илмии мазкур стандартҳои давлатӣ, фаннӣ, барномаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ (хусусан забони англисӣ) роҳҳо, усулҳо ва методҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ вобаста ба санаду меъёрҳои танзимкунандаи соҳа, инчунин аз рафти таҷрибаи амалӣ ва фаъолияти тадрисӣ баррасӣ шуда, истифодаи он ба муаллиф имкон додааст, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар роҳҳои ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисиро таҳия намояд.

Ҳамчунин, дар диссертатсия роҳҳои беҳтар намудани омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон бо назардошти талаботи стандарти давлатии таҳсилот пешниҳод шудааст, ки ин қисмат барои такмил ва омӯзиши забони анлисӣ барои донишҷӯён аҳаммияти амалӣ дорад. Дар маҷмуъ, диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ пурра мавриди таҳлил қарор гирифта, маълумоти назариявӣ ва таҷрибаи амалии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ муҳим буда, барои рушди илми педагогика ва методикаи таълими забони англисӣ арзишманд мебошад.

Рисолаи илмии Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” таҳқиқоти аввалин дар самти рушди салҳиятҳои маърифатии донишчуёни ихтисосҳои ғайризабонӣ буда, дар доираи барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии

кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва иҷро гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқоти маҷмуӣ ва ҳаматарафа, ки ба масъалаи рушди салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ бахшида шуда бошад, гузаронида нашудааст. Бо назардошти чунин омилҳо диссертатсия дар мавзуи диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро ба яке аз мавзуъҳои муҳимми соҳаи таҳсилот ва педагогика бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили низоми таҳсилот дар таълими забони англисӣ ва рушди салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ барои донишҷӯён фароҳам меорад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна асоси омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи осори олимони ватаниву хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро баррасӣ намудааст, ки он дар марҳилаи кунунӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва педагогика амалӣ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар мундариҷаи он ба мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда ба талаботи воқеии ҷомеа ва давлат дар низоми таҳсилоти миллӣ алоқаманд аст. Ҳамзамон муҳтавои умумии таҳқиқот, муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқшавии назариявии амалии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмет, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ, усулҳои таҳқиқотӣ ва сохтори рисола ба таври муфассал шарҳ дода шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ ва навгониҳои илмӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои он муайян шуда, фарзияҳо пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда матраҳ шудааст.

Боби аввал “Вижагиҳои нутқии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ҳамчун асоси ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникатвӣ аз фанни забони англисӣ” унвон гирифта, фарогири се зербоб аст. Масъалаҳои матраҳшудаи ин боб баррасии асосҳои назариявии омӯзиши имконияти зеҳнӣ ва тамоюли шахсии донишҷӯён дар рушди салоҳияти маърифатию коммуникативӣ дар

таҳқиқоти педагогӣ-психологӣ, вазъи таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар шароити таълими низоми кредитии таҳсилот дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои интихоби маводди забонӣ аз фанни забони англисӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии донишҷӯён мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия "Самаранокии ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ бо дарназардошти имконияти зеҳнӣ ва вижагиҳои забони модарии донишҷӯён" унвон гирифта, мавриди муқоиса ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "Тарзи истифодаи тест ва дараҷаи азхудкунии он дар раванди таълими забони англисӣ ва ташаккули дониши донишҷӯён" унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Дар хулоса, унвонҷӯ қайд намудааст, ки омӯзиши забони англисӣ бо фанҳои касбӣ, интихоби дурусти муқаддимаи маводди таълимӣ имконияти донишҷӯёнро барои азхудкунии салоҳиятҳои касбӣ васеъ намуда, ҷаҳонбинии онҳоро ташаккул медиҳад. Дар ҷараёни таълими касбӣ-тахассусӣ бояд малакаҳои муоширатӣ, забонӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-забонӣ, сифатҳои касбӣ ва маҳорати донишҷӯёнро баланд бардошта шавад, ки роҳҳои амалии ин муносибати таълимиро унвонҷӯ коркард намудааст.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои овардашуда мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро собит намуда, муҳиммияти ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатии донишҷӯёнро дар омӯзиши забони англисӣ нишон дода, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтани онро арзёбӣ менамоянд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи рушди асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатии донишҷӯён ҳамчун яке аз омилҳои асоси дар замони ҷаҳонишавӣ дар давлати демокративу дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон муҳим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, ки насли ҷавони забондон дар арсаи байналмилалӣ мақом ва имкони фаъолияти гуногунро дошта бошанд

Мубрамии мавзуъ бо дарназардошти таҳқиқи муаллиф ба донишҷӯён, омӯзгорони ҷавон ва ба кулли хоҳишмандон имкон медиҳад, ки роҳҳои самаранок ва муосири омӯзиши забони анлисиро дар амалия истифода намоянд.

Хулосаҳои назариявӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалии диссертатсияро дар фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати боз ҳам такмил додани омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки имкон медиҳад ба такмили шаклу методҳои муосир истифода намоянд.

Дар маҷмуъ, муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар рисолаи илмии овардашуда ба талаботи рисола аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, онро метавон ба ҳимоя пешниҳод кард ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯй ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи ДМТ **Назирӣ Л.Қ.**

*Имзои Назирӣ Л.Қ.-ро тасдиқ мекунам,*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**
«27» 01 **2026.**

**Суроға:** 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: 221-77-11